**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
И.в. директори Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор
_______________Буризода Э.Б.
«__»___________соли 2026

# ХУЛОСАИ

шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ иҷро карда шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Музафарзода Марҷонаи Шарифбег унвонҷӯи Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ ба шумор меравад.

Музафарзода Марҷонаи Шарифбег соли 2014 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милли Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси «танзими ҳуқуқи молия ва қарз» хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ қабул гардидааст.

Музафарзода Марҷонаи Шарифбег аз соли 2020 инҷониб дар вазифаи мутахасиси пешбари раёсати молия ва баҳисобгирии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 27.02.2024 (протоколи № 10) тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Маҳмадуллозода Нурулло Раҳматулло**, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими калони шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ, ш.Душанбе.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 19.02.2026 №1376 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ аз 13 марти соли 2026 (протоколи №1) муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо барои ҳимоя тавсия шудааст.

Аз натиҷаи баррасии диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуъ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мутобиқ мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» омода шудааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолии хеш баҳри рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ як

қатор тадбирҳо андешид, ки дар натиҷа ин бахши муносибатҳои барои давлату ҷомеа ҳаётан муҳим сол то сол густариш меёбад.

Рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа ва умуман ояндаи дурахшони ҷомеа ва давлат аз ҳолати ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ вобастагии калон дорад. Дар таърихи муносибатҳои меҳнатии Тоҷикистон ва дар маҷмӯъ давлатдории тоҷикон бо татбиқи сиёсат ва бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки ин ҳама дар меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд.

Дар ин раванд ҳуқуқи меҳнат ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, қонунгузорӣ оид ба меҳнати мамлакат дар заминаи арзишҳои бунёдии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ташаккул ёфта истодааст. Ин арзишҳои бунёдии ҳуқуқи меҳнат баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат мустаҳкам гардиданд.

Дар аксарияти давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ, доир ба рушду инкишофи институти шарикии иҷтимоӣ, олимон таҳқиқиқоту таҳлилҳо гузаронида, назарияҳои маъмулу мухталиф пешниҳод намудаанд. Равандҳои таҳқиқотӣ-илмии рушду инкишофи институти шарикии иҷтимоӣ дар замони муосир низ аҳамияти хешро ба ҳайси объекти таҳлили илмӣ аз даст надода, баръакс, таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони ватанию хориҷиро бештар ба худ ҷалб намудаанд. Сабаби асосии таваҷҷуҳи бештар ба рушду инкишоф ва танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар ҳама марҳилаҳо дар он аст, ки иҷтимоиёт ҷузъи таркибии ҳаёти инсон буда, ҷомеаи муосирро бе он тасаввур намудан номумкин аст.

Шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли моҳиятан нави муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар он аст, ки: якум, корманд, танҳо аз объекти муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ будан, дар баробари молик-корфармо ба субъекти фаъоли ин муносибатҳо мубаддал шуд, ки танзими онҳо дар сатҳҳои гуногун сурат гирад; дуюм, муҳимтарин принсипи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар ин раванд иштироки баробари мақомоти ҳокимияти давлатӣ (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти дахлдори иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ), намояндагони корфармоён (Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии

Тоҷикистон) ва кормандон (Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон (ФИКМТ), мақомоти соҳавии намояндагии кормандон, иттиҳодияҳои вилоятии намояндагони кормандон) мебошад.

Азбаски институти шарикии иҷтимоӣ барои Тоҷикистон ҳамчун як ҷумҳурии пасошӯравӣ падидаи нисбатан нав аст, рушди онро метавон нисбатан қаноатбахш тавсиф кард. Бо назардошти аҳамияти он, айни замон масъалаҳои рушду тавсеаи низоми шарикии иҷтимоӣ ба сифати яке аз бахшҳо ва ҳадафҳои муҳими стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дар Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 муайян шудаанд. Дар баробари ин, таҳқиқоти илмии масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ анҷом дода нашудааст, ки аҳамият ва навоварии кори диссертатсияи мазкурро тасдиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти болозикр барои пажӯҳиши пурра ва ҳамаҷонибаи институти шарикии иҷтимоӣ заминаи мусоиди илмӣ фароҳам оварда, ба фаҳмиши пурра ва ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур мусоидат менамояд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатия мебошанд. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро иниъкос мекунад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Саҳми довталаб дар он ифода меёбад, ки муаллиф мустақилона таҳқиқоти диссертатсиониро анҷом дода, аз уҳдаи вазифаҳои дар доираи кори диссертатсионӣ пешбинигардида баромадааст. Дар таҳқиқот масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо, проблемаҳо пешниҳод кардааст; дар асоси таҳлили

ақидаҳои олимон ва омӯзиши сарчашмаҳои зиёд хулосаҳои худро баён намудааст.

Дар раванди таҳқиқот муалллифи диссертатсия дар заминаи омӯзиш мафҳуми муаллифии шарикии иҷтимоиро пешниҳод кардааст. Дар рисола дар заминаи методологияи илмҳои ҳуқуқи хусусӣ марҳилаҳои рушди ниҳодҳои амалисозандаи шарикии иҷтимоӣ, анҷом дода шудааст. Муаллиф мавзӯи шарикии иҷтимоиро таҳқиқ намуда, таърихи пайдоиш, салоҳият, тобеъият ва татбиқ шудани онро онро муайян намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти муҷтамаъи илмие мебошад, ки дар он паҳлуҳои гуногуни масоили шарикии иҷтимоӣ мавриди пажӯҳиши ҳамаҷонибаи илмӣ қарор гирифтаанд. Аз натиҷаҳои умумии таҳқиқи мавзуи мазкур консепсияи муосири илмии танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ матраҳ гардидааст. Зимни таҳқиқи масъалаи болозикр, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, принсипҳо, шаклҳо, тарафҳо, баррасии баҳсҳои меҳнатии коллективии дар раванди амалӣ намудани шарикии иҷтимоӣ бавуҷудмеомада ҳамаҷониба таҳқиқ ва таҳлил шуда, хулоса оид ба самтҳои аҳамияти муайяни илмӣ-назариявӣ ва таклифу тавсияҳои аҳамияти амалидошта коркард шудаанд, ки барои тақвияти самаранокии асосҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ мусоидат хоҳанд кард.

Аз ҷумла, дар таҳқиқоти мазкур мафҳумҳои “шарикии ифтимоӣ” ва “шартномаи коллективии рақамӣ” таҳия шудаанд, ки аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дошта, барои истифода дар таҳқиқотҳои илмии ин самт ва амалияи қонунгузорӣ муфиданд. Ҳамчунин, пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани “принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ” ва “принсипи мусоидати давлат ба таҳким ва рушди шарикии иҷтимоӣ дар асосҳои демократӣ” ба номгуи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар КМ ҶТ аҳамияти муҳим дошта, ба мазмуни умумии принсипҳои шарикии иҷтимоӣ навгониҳоро ворид менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат асоснок карда шуда, дар асоси муқаррароти илмии аз натиҷаи

таҳқиқоти мазкур ҳосилшуда, барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тавсияҳои амалӣ манзур шудаанд.

Нововарии таҳқиқот ҳамчунин дар таҳлили мукаммали меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Нововарӣ инчунин ба пешниҳодҳое, ки дар кор оид ба такмили механизмҳои татбиқи меъёрҳои байналмилалии меҳнат ба қонунгузории миллии Тоҷикистон ироа шудаанд, хос мебошад.

Аҳамияти илмии таҳқиқот ҳам дар равиши таҳқиқи масъалаҳои гузошташуда ҳамчун масъалаи мураккаб ва гуногунҷанба, ҳам дар дарёфти роҳҳои ҳалли як қатор масъалаҳои мушаххас ифода меёбад. Онҳо дар нуктаҳои асосие, ки аз ҷониби муаллиф таҳия гардида, барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, таҷассум ёфтаанд.

Дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо маҷмуи сарчашмаҳои истифодашудаи илмӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқи меҳнат ҳангоми таҳияи диссертатсия муайян карда мешавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгуи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар шакли мақолаҳо дар нашрияҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла конференсияву семинарҳо инъикос ёфтаанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Музафарзода М.Ш. Принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ ва таснифоти онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. №4 (32) – С. 171–192. ISSN 2414 9217.

**[2-М].** Музафарзода М.Ш. Таърихи ташаккулёбии институти шарикии иҷтимоӣ дар қонунгузории Тоҷикистон. [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. – №3 (51) – С. 111–116. . ISSN 2305-0535.

**[3-М].** Музафарзода М.Ш. Баъзе аз масъалаҳои тарафҳои шарикии иҷтимоӣ. [Матн] / Н.Р. Маҳмадуллозода, М.Ш. Музафарзода. //Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2024. №4 (52) – С. 86–91. ISSN 2305-0535.

**[4-М].** Музафарзода М.Ш. Мафҳум ва хусусиятҳои фарққунандаи муносибатҳои ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ. [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №3 (55). – С. 109–114. ISSN 2410-2903.

**[5-М].** Музафарзода М.Ш. Шартномаи коллективӣ ва аҳамияти он дар низоми санадҳои меъёрии дохилӣ (локалӣ). [Матн] / М.Ш. Музафарзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 181–189. ISSN 2410-2903.

**[6-М].** Музафарзода М.Ш. Нақши санадҳои корфармо ва шартномаи коллективӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ. [Матн] / Н.Р. Маҳмадуллозода, М.Ш. Музафарзода. //Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2026. №1 (57) – С. 110–113. ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-оммавӣ нашр шудаанд:**

**[7-М].** Музафарзода, М.Ш.Ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ оид ба созишнома ва шартномаҳои коллективӣ ва таҳкими онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ. [Матн] /М.Ш. Музафарзода. // Ҳуқуқи инсон ва мушкилот замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ (5-уми декабри соли 2025) / Дар зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирализода И.Қ. – Душанбе: Моҳи-Мунир, 2025. – С. 756-768.

**[8-М]**. Музафарзода, М.Ш. Тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ [Матн] /М.Ш. Музафарзода [Матн] // Маҷмуаи маводи IV-умин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш. Душанбе, 18 апрели соли 2025). Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. – С. 377-382.

**[9-М].** Музафарзода, М.Ш. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ. [Матн]/ М.Ш. Музафарзода // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 331-335.

**[10-М].** Музафарзода, М.Ш. Субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳаввули нақши онҳо дар шароити рақамикунонии соҳаи меҳнат. [Матн]/ М.Ш. Музафарзода // Маводи семинари байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи

меҳнат дар давлатҳои ИДМ: чолишҳои муосир ва роҳҳои муносибсозӣ”, 16 октябри соли 2025. Душанбе. – С. 100-106.

**[11-М].** Музафарзода, М.Ш. Нақши корфармоён ҳамчун субъекти шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Н.Р. Маҳмадуллозода, М.Ш. Музафарзода // Маҷалаи илмии «Бозори меҳнат» - Нашриёти Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. 2026. №4 (67). С.20-25.

**III. Маводи дигари илмии нашргардида:**

**[12-М].** Музафарзода, М.Ш. Асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ [Матн] /М.Ш. Музафарзода //Маърифати омӯзгор. [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.marifatiomuzgor.tj/articles/siyosӣ/асоси-танзими-ҳуқуқии-муносибатҳои-ш/.

Мазмуни маводи таҳқиқотӣ ба таври пурра дар мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб инъикос ёфтааст.

**Дар натиҷаи муҳокима қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ таҳқиқоти илмӣ-назариявии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзадӣ мутобиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

2. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисос мутобиқат намуда, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 тасдиқ гардидааст, алоқаманд мебошад.

3. Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ барои ҳимоя тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 13 марти соли 2026 (протоколи №1) қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 7 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Абдуҷалилов А.

**Котиби ҷаласа:**
Лаборанти калони шуъбаи ҳуқуқи хусусии
Институти давлат ва
ҳуқуқи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Латипова Ф.

Имзои А. Абдуҷалилов ва
Ф.Латиповаро **тасдиқ мекунам:**

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
ИДҲ-и АМИТ Давлатмуродзода Б.Д.

НОЗИРИ КАДРҲО PERSONNEL OFFICER

«17» 03 2026 с.

Суроға: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19,
Институти давлат ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: 2-21-65-85, факс: 2-21-66-72
Почтаи электронӣ: idh@amit.tj
Сомонаи Интернетӣ: https://www.idhamit.tj